# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – Техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ). – Душанбе, 2025. – 7с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аз рӯи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

2. Коркарди назария ва усулҳои таъсири технологӣ ба муҳити зист ва объектҳои (хок, наботот, ҳайвонот, ғалла, шир ва ғайра) истеҳсолоти кишоварзӣ.

3. Пешбинии прогресси техникӣ дар технология ва асоснок кардани системаи мошинҳо барои ҷорӣ намудани онҳо.

5. Кор карда баромадани усулҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии равандхои истеҳсолот, истифодаи агрегатҳо, звеноҳо, комплексҳои технологӣ ва хатҳои (линии) истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани шароити бехавфу муътадили меҳнат, риояи талаботи муҳофизати меҳнат.

6. Омӯхтани шароити кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, агрегатҳо, ҷузъҳои алоҳидаи корӣ ва дигар воситаҳои механиконии равандҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи сӯзишвории алтернативӣ.

9. Тадқиқоти агрономӣ ва зоотехникии равандҳои технологӣ, параметрҳо ва реҷимҳои кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, органҳои корӣ, таҷҳизоти технологӣ ва дигар воситаҳои механиконии зироаткорӣ ва чорводо̀рӣ.

10. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳо, воситаҳои санҷиш, назорат ва идоракунии сифати кори воситаҳои механиконии равндҳои истеҳсолот дар зироаткорӣ ва чорводорӣ.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин таъмини амнияти озуқаворechoии мамлакат ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳоло дар назди мутахассисони соҳаи кишоварзии мамлакат, олимон ва деҳқонони асили кишварамон ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар асоси ба даст овардани навъҳои серҳосили зироатҳо, тухмиҳои аълосифат, истеҳсоли зиёди маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барои саломатии одамон зарур масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намуд, ки маҳсулоти мевагии ангур дар кишварамон яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳим ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ накши муҳимро мебозад ва дар ин соҳа ангур яке аз зироатҳои зарурии озуқавӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, рисолаи илмии Масаидов Ҷ.Ғ., ки ҳадафи асосии он аз омӯзиши таҳия кардани меъёр ва реҷаи корӣ, сохтори таҷҳизот барои дорупошак, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи насби байни онҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандаи сабзиш (ТС) баҳри беҳтар намудани сифати коркард бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ангур иборат аст, аз мубрамияти илмию амалӣ доштани мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд.** Бори аввал конструксияи таҷҳизоти дорупошӣ барои соҳаи токпарварӣ сохта, мукаммал гардонида шуда, параметрҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян карда шуд. Инчунин бори аввал истифодаи воситаҳои техникии сохта шуда ҳангоми пошидани моеъҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ (муодилаҳои суръати ҳаракати сели моеъ ва роҳ) ҳисоб карда шуд. Аз ҷиҳати назариявӣ сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот аниқ карда шуд.

Таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологии мукаммалкардашуда ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ба монанди: динамикаи дарозшавии навдаҳои навъи Кишмиши сиёҳ, зариби ҳосилдиҳӣ ин таносуби миқдори хӯшагул ба миқдори умумии навдаҳо, ҳосил ва сифати он (хусусиятҳои механикии таркиби хӯша ва баҳодиҳии чошдиҳии ангур), инчунин самаранокии истифодабарии таҷҳизоти мукаммалгардонида шуда ҳисоб карда шуд.

Таҷҳизот ба дорупошаки мукаммалкардашуда имконият дод, ки хароҷоти маҳлули моеъро ба 2,0....2,5 маротиба сарфа намуда, сифати коркарди хӯшаҳои ангурро баланд бардорад. Ин нишондиҳандаҳо ба шарофати интихоби шумораи пошакҳо ба миқдори 4 дона, гузориши мутаносиби масофаи пошак то девораи амудӣ, ки 50 см-ро ташкил медиҳад ва суръати ҳаракати агрегати дорупошак аз 4,5 то 5,5 км/соат ба даст оварда шудааст.

Тасдиқи навгонии илмӣ бо нахустпатентҳо, ки дар токзорҳои баландтана гузаронида шуд, аз Муассисаи давлатии Маркази миллии патентию иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи навгонии он аз санаи 08.10.с.2020, таҳти № TJ 1111 дар мавзуи “Тарзи ҷуфттартибдиҳии буттаҳои токи ангур” ва доир ба сохтор “Таҷҳизоти дорупошӣ барои коркарди буттаҳои ангур бо маҳлули обӣ” таҳти № 1588 аз 18 марти соли 2025 ба даст оварда

шудааast.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад.** Натиҷаҳои бадастовардашудаи КИТ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:

- истифодаи воситаҳои техникӣ дар пошидани моеъҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ;
- нишондиҳандаҳои кинематикии суръати ҳаракати сели заррачаҳои моеи пошдодашуда ва масир (дурии парвоз)-и он;
- сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот;
- таҷҳизот ба дорупошак барои пошидани маҳлули обии гибберелин ба буттаи ток;
- таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур;
- самаранокии техникии таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ барои пошидани маҳлулҳои обии танзимкунандаи сабзиш.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия тавсияшуда.** Тамоми натиҷаҳои назариявию амалии дорушушакӣ пешниҳодшуда тибқи қонунияти вобастагӣ ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд, ки ин далели эътимоднокии он мебошад. Ба ғайр аз ин, коркарди омориву математикии он нишон дод, ки хатоҳои он нисбат ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ дар доираи талабот аст. Дар натиҷаи амсиласозии равандҳои технологии коркарди токзор бо таҷҳизоти таҷрибавӣ муодилаҳои математикӣ таҳия шуданд, ки қонунияти коркарди қатори токзорро инъикос менамоянд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз мукаддима, 5 боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт аз 153 номгӯй иборат аст. Мавод дар ҳаҷми 171 саҳифаи чопӣ мураттаб гардида, 20 ҷадвал ва 37 расмро дарбар мегирад.

Дар сарсухани диссертасия пурра мубрамии мавзуи таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он, навгонӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, аҳаммияти амалии он, тасвиб ва интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумоти саҳеҳ ва пурра пешниҳод гардидаанд.

***Дор боби якуми*** рисола хеле васеъ ва бо маълумоти зарурӣ аз адабиёти гуногун, аз муаллифҳои зиёди ватанӣ ва хориҷӣ доир ба дастовард ва сатҳи начандон баланди ташкили корҳои агротехникии байниқаторӣ, таваҷҷуҳи начандон калон ба вижагиҳову хусусиятҳои биологии навъҳо вобаста аз шароити экологӣ ва ташаккулёбии онҳо маълумот оварда шудааст. Дар ин боб истифодаи ТС, ки яке аз поягузор барои баланд бардоштани ҳосил ва сифати он аст, ки ҳангоми истифодабарӣ маҳсулнокии кори фаъоли фотосинтез беҳ шуда, ҳосили хуби зироатро дода метавонад, баррасӣ шудааст. Инчунин

маълумот дар бораи мошин ва олотҳо барои пошидани моеи обӣ, ки барои коркард хизмат мекунад, оварда шудааст. Диққати асосӣ ба кори таҷҳизоти дорупошии онҳо дода шуда, амали он ба таври возеҳ тариқи расму таҳлилҳо нишон дода шудааст.

***Дар боби дуюми*** рисола бояд қайд намуд, ки унвонҷӯй маълумоти муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, хок, оид ба навъҳои ангур, аз қабили: таҳқиқи муҳит – шароити асосии кории таҳқиқи таҷҳизоти дорупошӣ барои пошиши ТС ба токзор; сохти таҷҳизот барои дорупошӣ; муайян намудани миқдори маҳлули ТС ва суръати ҳаракати таҷҳизоти дорупошак; омодакунии токзор ба дорупошӣ бо ТС; омӯзиши андозаҳои асосии таҷҳизоти дорупошӣ; самараи истифодаи таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ; муайян намудани майдони барг дар 1 га ва ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро хеле васеъ ва пурра ба қалам додааст.

***Дар боби сеюми*** рисола унвонҷӯй натиҷаҳои бадастовардаи корҳои илмиашро таҳлил намуда, маълумотномаи мухтасар роҷеъ ба воситаҳои техникӣ ва электронии ҳисоббарории компютерӣ ва аҳаммияти онҳо дар таҳқиқотҳои илмӣ оид ба афзалияту бартариҳои МЭҲ дар рушди истеҳсолоти муосири соҳаи кишоварзӣ маълумот додааст. Махсусан, амсиласозии математикӣ муфассал баррасӣ шудааст, ки барои амалӣ кардани нақшаҳо хеле мувофиқ аст, пешкаш намудааст.

Дар ин боб бартарии истифодаи воситаҳои техникӣ дар пошидани маҳлулҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ ҷараёни ҳаракати ҷисм нисбат ба уфуқ баррасӣ шуданд. Тавассути формулаҳо ва муодилаҳои математикӣ, ҳисобҳои дурии парвози ҷисми нисбати уфуқ ва ба самти амудӣ ҳаволашуда, баландии калонтарини ҷисм нисбат ба уфуқ муқаррар карда шуданд, ки барои муайян кардани мутаносибии пошиши моеъ аз таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ муфиданд.

***Дар боби чоруми*** рисола саҳеҳии ҷойгиршавии буттаҳои ток дар қатор ба маҳсулнокию сифати коркарди хок, ба монанди нармкунӣ, шудгор, ҷӯяккашӣ ва аз ҷумла ба коркардҳои кимиёвию пошидани маҳлули обии ТС бо воситаҳои техникаи кишоварзӣ таъсир мерасонад. Ҷойгиршавӣ ва ташаккули буттаҳои ангур, ҷойгиршавии қаторҳоро вобаста аз андозаи буттаи ток, ки аз ҷойгиршавӣ ва ташаккули онҳо нақши муҳим дорад, бо натиҷаҳои илмӣ аниқ кардааст.

Дар ин боб низ оид ба андозаҳои геометрӣ ва кинематикии таҷҳизоти дорупошак барои пошидани маҳлули ТС ба хӯшаҳои ангур аз рӯйи шароити муқарраркардашудаи маҳлулпошӣ бо таҷҳизоти дастӣ бузургиҳои $\vartheta$=1200 м/дақ, В=1м, Т=30 дақ., масоҳати маҳлулпошидашуда, ки $F_g = 20 * 1 * 30 = 600$м$^2$-ро ташкил медиҳад, муайян карда шудааст. Аз таҳлили ҳаматарафаи

натиҷаҳои илмӣ бармеояд, ки масофаи пошдиҳии беҳтарин ва сифати хуби таршавии хӯшаҳои ангур дар вақти ҷойгиршавии пошакҳои таҷҳизоти маҳлулпошӣ дар масофаи 50 см ва дар зери фишори 2 атмосфера ба даст оварда мешавад. Меъёри муайяншудаи харҷи маҳлул 340 л/га-ро такил кардааст.

***Дар боби панҷум*** самаранокии иқтисодӣ аз истифодабарии таҷҳизоти пошдиҳӣ ва маҳлулҳои танзимкунандаи сабзиш дар токзор аз истифода намудани таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ ва маҳлулҳои ТС мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки насб ва истифодаи таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ бо қубурҳои чапу рости амудӣ бо ду пошакҳо имконият дод, ки маҳсулнокии меҳнат 16 маротиба баланд, пастшавии хароҷот зиёда аз 46 % ва сарфаи захираҳои меҳнатӣ то 20%-ро ташкил медиҳад. Самаранокии солонаи як мошинаи кишоварзӣ бо истифодабарии таҷҳизоти насбшуда ба дорупошаки таҷрибавии такмилдодашуда то 6050 сомониро ташкил додааст.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.** Довталаби илмӣ дар шароити лабораторӣ ва истеҳсолӣ амсилаи математикии сохти таҷҳизоти дорупошакро бо вобастагиҳои реҷаи корӣ ҳисоб намудааст. Ба ғайр аз ин, вобастагии таҳлилии ҳаракати маҳлули обии гибберелин дар равиш то деворaҳои коркардшаванда оварда шудааст, ки мувофиқи он қисми зиёди маҳлул пурра девораи амудиро рӯйпӯш менамояд, ки ин фоизи ҳосилнокиро баланд мекунад.

Бартариҳои таҷҳизот ба дорупошаки таҷрибавӣ, нисбат аз насоси дастии мавҷудбуда инҳоянд: дар муҳлати 5-6 рӯз майдони аз 50 то 300 га-ро метавонад коркард намояд, ки ин самаранокиро то 3...4 маротиба баланд мекунад; хароҷоти маҳлули обиро то 2,5...3,0 маротиба ва хароҷоти ТС-ро то 30 % кам мекунад.

Чунин бартариҳо имконият медиҳанд, ки коркарди хушсифати хӯшаи гули ангур, баландшавии ҳосилнокии навъҳои ангури бедона, ба монанди кишмиши сиёҳро то 10,8% зиёд мусоидат кунад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар рӯйхати маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақолаи илмӣ дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ, 2 нахустпатент ва 2 санади ҷорикунӣ дар истеҳсолот мебошад, ки мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқот ва таҳлилҳои гузаронидашударо фаро мегиранд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Гарчанде, ки унвонҷӯй маълумоти аникро доир ба истеҳсоли коркарди ангур бо ТС дар дигар кишварҳо, аз он ҷумла дар Тоҷикистон пешниҳод карда бошад ҳам, вале доир ба майдони кишт, ҳосилнокӣ, истеҳсоли умумӣ ва кадом навъҳои онҳо дар минтақаҳои вилояти Суғд ё Тоҷикистон парвариш карда мешавад, маълумот оварда нашудааст.

2. Аз кадом сабаб дар муддати солҳои 2017-2021 навъҳои таҳқиқшавандаи ангур омӯхта шуданд ва аз кадом нуктаи назар фақат гибберлин ва сиркон ҳамчун ТС интихоб карда шуд?

3. Дар диссертатсия формулаи 38 фишори ба девори қубур таъсиркунанда ишораи Р (саҳ. 79) омадааст ва боз дар формулаи 42 ишораи Р (саҳ. 80) оварда шудааст, ки аз якдигар нишондодҳо фарқ мекунанд, сабаб дар чист?

4. Расми 34 дар диссертасия ва расми 12 дар автореферат диаграмма оварда шудааст, ки нишондодҳои амудӣ ва уфуқӣ қайд карда нашудааст.

5. Дар расми 35 (саҳ. 120) дар диссертасия натиҷаҳои бадастоварда қайд шудааст, лекин бо сабаби нишондодҳо болои ҳамдигар будан, рақамҳо номаълум аст.

6. Хуб мешуд, ки ҳангоми омӯзиш натиҷаҳои пошакҳои дастӣ ва самаранокии онҳо низ бо саҳеҳӣ дар диссертасия оварда мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

**Хулоса.** Диссертатсияи илмии Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – Техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, кори бисёрсолаи илмии ба анҷом расида мебошад, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Рисолаи илмӣ дорои маълумоти арзишманди назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти таъсири меъёр ва реҷаи корӣ, сохтори таҷҳизот барои дорупошак, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи байни насби онҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандаи сабзиш

(ТС), бахри хуб намудани сифати коркард бо максади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ангур пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллиф Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович сазовори дарёфти сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – Техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.т., дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи Ш. Шоҳтемур **Амиров Нуридин Ризвонович**

«09» 06 соли 2025.

Суроға: 735104, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д. Гулистон,
маҳаллаи Сабзикор, хонаи 243,
Тел.: (+992) 552 84 72 72,
E-mail: nuridiny_rizvon@inbox.ru

Имзои дотсент Амиров Н.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
бо номи Ш.Шоҳтемур **Қурбонзода А.Х.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 146,
Тел.: (+992-37) 224-35-78
E-mail: rectortau31@mail.ru
«09» 06 соли 2025.